**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-063-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар мавзуи «Такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рушди устувори иқтисодӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ пешниҳод шудааст**

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва таҳкими муносибатҳои бозорӣ масъалаи ташаккул ва такмили ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ аҳаммияти махсус касб намудааст. Зеро рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва таъмини суботи иҷтимоию иқтисодӣ аз сатҳи самаранокии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ робитаҳои мустаҳкам дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар марҳилаи муосири рушди иқтисодӣ ба масъалаи дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Дар ин замина, пажӯҳиши илмии Асрорзода Абдулло Саттор, ки ба масъалаи такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ бахшида шудааст, хеле мубрам ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар автореферат муаллиф масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкориро мавриди таҳқиқ қарор дода, асосҳои иқтисодии рушди ҳамкориҳои давлативу хусусиро баррасӣ намудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҷанбаҳои муҳими ташаккул ва такмили муносибатҳои иқтисодии байни давлат ва соҳибкориро дар шароити рушди устувори иқтисодӣ таҳлил намояд.

Мӯҳтавои автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф адабиёти илмии ватаниву хориҷиро вобаста ба мавзӯи таҳқиқот амиқ омӯхта, андешаҳои олимони гуногунро таҳлил кардааст. Дар натиҷа, муносибати илмии муаллиф нисбат ба масъалаи таҳқиқшаванда мушаххас ва асоснок баён гардидааст.

Сканировано с CamScanner

Дар автореферат моҳияти иқтисодии ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ, принсипҳои асосии он, омилҳои таъсиррасон ва нақши давлат дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба таври мантиқӣ таҳлил шудаанд.

Ҷанбаҳои муҳими таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллиф вазъи кунунии рушди соҳибкорӣ ва сатҳи ҳамкории давлат бо бахши хусусиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намудааст. Дар автореферат мушкилотҳои мавҷуда, аз ҷумла монеаҳои маъмурӣ, маҳдудияти дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, нокифоя будани дастгирии инфрасохторӣ ва таъсири омилҳои иқтисодии беруна ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Инчунин, муаллиф ба масъалаи такмили сиёсати давлатии дастгирии соҳибкорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар пешниҳоди роҳҳои такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ ифода меёбад. Пешниҳодҳои илмии муаллиф ба баланд бардоштани самаранокии дастгирии давлатии соҳибкорӣ, такмили механизмҳои иқтисодию ташкилӣ ва рушди муҳити мусоиди соҳибкорӣ равона шудаанд. Бояд қайд намуд, ки пешниҳодҳои муаллиф хусусияти амалӣ дошта, метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, сохторҳои идоракунии иқтисодӣ ва бахши хусусӣ истифода шаванд.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот возеҳ ва мушаххас муайян гардидаанд. Заминаҳои методологии таҳқиқот ба талаботи корҳои илмии иқтисодӣ ҷавобгӯ буда, усулҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ, ҷамъбастӣ ва баҳодиҳии иқтисодӣ дуруст истифода шудаанд. Муаллиф аз маълумотҳои оморӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатии марбут ба рушди соҳибкорӣ самаранок истифода намудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар рушди асосҳои илмии ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳои он метавонанд барои таҳияи консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва рушди устувори иқтисодӣ мусоидат намоянд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд

Сканировано с CamScanner

ҳангоми такмили сиёсати иқтисодии давлат ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ самаранок истифода гарданд.

Бо вуҷуди дастовардҳои назарраси илмӣ, дар автореферат баъзе масъалаҳо мавҷуданд, ки метавонанд барои боз ҳам мукаммал гардидани таҳқиқот мусоидат намоянд. Аз ҷумла:

- хуб мешуд, агар муаллиф таҷрибаи кишварҳои пешрафта оид ба ҳамкории давлат ва бахши хусусиро васеътар таҳлил намуда, имкониятҳои мутобиқсозии онҳо ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистонро мушаххас менамуд.

- баъзе нишондиҳандаҳои оморӣ ва таҳлилҳои иқтисодӣ метавонанд бо маълумоти солҳои охир боз ҳам такмил дода шаванд.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Асрорзода Абдулло Саттор дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардида, масъалаҳои мубрами иқтисодиёти соҳибкориро фаро мегирад. Муаллиф тавонистааст мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро амалӣ намуда, натиҷаҳои назариявӣ ва амалии арзишманд пешниҳод намояд.

Автореферати диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ мебошад.

Муқарррриз
д.и.и., профессори кафедраи идоракунии
молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии
Академияи идоракунии давлатии
назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон Досиев М. Н.

Имзои д.и.и., профессор Досиев М.Н. – ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Насурдинзода А. Н.

Суроғаи муассиса:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Саид Носир, 33, Тел: (+992) 985 56 65 66, +992(37) 224-17-86

Сканировано с CamScanner